Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи "Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниход шудааст.**

Иқтисодиёти Тоҷикистон дар такмили маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии марбут ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар кишвар ва ҳам дар минтақаҳои алоҳида таъсири ҳалкунанда дорад. Рушди ҳамаҷониба мустаҳкам намудани истиқлолияти иқтисодӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои молиявӣ, истифода ва афзоиш додани нерӯи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодиёт дониста мешавад.

Дар татбики самараноки хадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар дар қатори дигар соҳаҳо, бахши соҳибкорӣ низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки омили назарраси таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Соҳибкории кишоварзӣ дар таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ ва барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар замина мегузорад. Дар ҷаҳони муосир таъмини муҳити молиявии соҳибкорӣ мавқеи хосро соҳиб шуда истодааст. Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад мебуд агар: 1) бо истифода аз методологияи STEP самтҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ то соли 2030 ва таснифи онҳо ба бахшҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ,ки гузаронида шудааст, вале агар ин усул барои таҳияи чорабиниҳо дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ низ истифода мегардад, сифати боз ҳам бурд мекард.

Муаллиф дар омӯзиши муқаррароти назариявӣ, методӣ ва амалии муҳити молиявии соҳибкорӣ вазифаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- муайян намудани омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- таҳкики таҷрибаи мухити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа;

- ❖ таҳлили ҳолати муосири муҳити молиявии берунаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- ❖ баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- ❖ пешниҳод намудани самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ тавассути:
  - ➢ таҳияи стратегияи молиявӣ, чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;
  - ➢ таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ
  - ➢ танзими давлатии фазои соҳибкорӣ дар пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он.

Муаллиф ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардан муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таҳкими онро бо роҳи: таҳияи стратегияи молиявӣ, чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва танзими давлатии фазои соҳибкорӣ дар пояи асосии таҳкими муҳити молиявии онро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ) ба талаботи пешбининамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Номзади илмҳои иктисодӣ:
сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии
масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода А.И.
04. декабри 2025.

«Имзои н.и.и., Одиназода А.И-ро тасдиқ мекунам»

Сардори Шуъбаи кадрҳо С. Исроилова

Маълумот барои тамос: 734025,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89,
тел. +992 (37) 2211100. e-mail:info@mts.tj